# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ШАҲРИ ТУРСУНЗОДА
# ҚАРОР

аз 5 августи соли 2019 №960 шаҳри Турсунзода

Дар бораи Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) дар шаҳри Турсунзода

Бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016, №465 «Дар бораи Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ)», мутобиқи моддаҳои 19 ва 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», қарор мекунам:

1.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016, №465 «Дар бораи Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ)» барои иҷро ва корбарӣ қабул карда шавад.

2. Дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода гурӯҳи корӣ оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ мувофиқи мансаб тибқи замима тасдиқ карда шавад (замима мегардад);

3. Роҳбарони ташкилоту муассисаҳои давлатӣ, Раисони ҷамоатҳои деҳот, субъектҳои хоҷагидори давлатӣ, инчунин ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ аз ҳисоби кормандон дар назди ташкилотҳои худ гурӯҳҳо оид ба баҳодиҳӣ таъсис диҳанд.

4. Гурӯҳи корӣ:

-нақшаи кории гурӯҳро доир ба фаъолият таҳия ва тасдиқ намояд;

-иҷрои замимаҳои 1, 2 ва 3 Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ)-ро таъмин намояд;

-ҷиҳати татбиқи Методологияи мазкур чораҳои зарурӣ андешида, ба Агентии назоратии давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷамбасти сол аз натиҷаи корҳо ахбор ирсол намояд.

5.Матни қарори мазкур тавассути васоити ахбори омма нашр ва инъикос карда шавад.

6.Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини якуми раиси шаҳр гузошта шавад.

Раиси шаҳр А. Ализода

ДАСТГОҲИ РАИСИ ШАҲРИ ТУРСУНЗОДА
ШӮЪБАИ УМУМӢ, НАЗОРАТ ВА МУРОҶИАТИ ШАҲРВАНДОН